| | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 50,0% | 50,0% | 0,0% | 100,0% |
| Фонди қарзии хурди “Сарпараст” | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| | 0,0% | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 100,0% |
| Ҳамагӣ | 8 | 34 | 298 | 831 | 601 | 28 | 1800 |
| | 0,4% | 1,9% | 16,6% | 46,2% | 33,4% | 1,6% | 100,0% |

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 11 маълум мегардад, ки баҳои “ғайриқаноатбахш” ба ҶСП “Душанбе Сити Бонк” – 6,8 фоиз, ТАҚХ “Азизӣ-Молия” – 5 фоиз, ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” – 4,7 фоиз, ТАҚХ “Имон Интернешнл” – 3,5 фоиз, КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” – 2,5 фоиз, БДА ҶТ “Амонатбонк” ва ҶСП Бонки “Арванд” – 2,3 фоизӣ, ҶСК “Ориёнбонк” – 2,1 фоиз ва ТАҚХ “Ҳумо” - 1,6 фоиз рост меояд.

Натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯи минтақаҳо нишон медиҳад, ки 52,3 фоиз (182 нафар) - пурсидашудагон дар НТҶ, 46,9 фоиз (232 нафар) - вилояти Хатлон, 43,5 фоиз (178 нафар) – ВМКБ, 44,2 фоиз (65 нафар) -шаҳри Душанбе ва 43,4 фоиз (174 нафар) дар вилояти Суғд бо баҳои “хуб” хизматрасониҳои бонкиро арзёбӣ намуданд. Бо баҳои “аъло”, дар ВМКБ - 40,8 фоиз (60 нафар), ш. Душанбе – 40,3 фоиз (165 нафар), вилояти Хатлон - 34,7 фоиз (172 нафар), НТҶ - 28,7 фоиз (100 нафар) ва дар вилояти Суғд - 25,9 фоиз (104 нафар) – и пурсидашудагон арзёбӣ намуданд. Баҳои “қаноатбахш”, дар вилояти Суғд – 26,4 фоиз (106 нафар), НТҶ – 14,4 фоиз (50 нафар), ВМКБ 14,3 фоиз (21 нафар),вилояти Хатлон – 13,5 фоиз (67 нафар) ва дар ш.Душанбе - 13,2 фоиз ё 54 нафари пурсидашудагон арзёбӣ намуданд.

Мавриди зикр аст, ки баҳои “ғайриқаноатбахш” аз тарафи пурсидашудагон дар вилояти Суғд – 2,7 фоиз (11 нафар), вилояти Хатлон – 1,8 фоиз (9 нафар), НТҶ - 2 фоиз (7 нафар) ва дар шаҳри Душанбе 1,7 фоиз (7 нафар) арзёбӣ гардид.

Таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки бештари пурсидашудагон баҳои “хуб”-ро арзёбӣ намуданд, аз ҷумла занҳо– 47,6 фоиз (322 нафар) ва мардҳо - 44,8 фоиз (478 нафар) (нигаред ба диаграммаи 9).

Диаграммаи 9.

Баҳои пурсидашудагон оид ба хизматрасониҳои бонкӣ

(нафар)




## 5. Арзёбии пурсидашудагон оид ба намудҳои хизматрасониҳои ТҚМ

Ҷиҳати муайян намудани истифодабарии хизматарсониҳои ТҚМ дар варақаи назарсанҷӣ ба пурсидашудагон савол оид ба "Кадом намуди хизматрасонии бонкӣ ба ҳаёт ва фаъолияти Шумо кумак мерасонад?" пешниҳод шуда буд (нигаред ба диаграммаи 10).

Диаграммаи 10

## Кадом намуди хизматрасонии бонкӣ ба ҳаёт ва фаъолияти Шумо кумак мерасонад?

(нафар)




Тавре аз диаграмма маълум мегардад, ба ҳаёт ва фаъолияти пурсидашудагон бештар оид ба "интиқоли маблағ" – 55,3 фоиз (996 нафар) ба ТҚМ мурочиат намудаанд. Маълум гардид, ки барои интиқоли маблағ ба БДА ҶТ "Амонатбонк" - 25,5 фоиз (254 нафар), муштариёни ҶСК "Ориёнбонк" - 10,9 фоиз (109 нафар), муштариёни ҶСК "Бонки Эсхата"- 10,1 фоиз (101 нафар), муштариёни ТАҚХ "Имон Интернешнл"- 6,4 фоиз (64 нафар) ва ба ТАҚХ "Ҳумо" – 5,3 фоиз (53 нафар) муштариёни ин ТҚМ муроҷиат намудаанд.

Аз рӯи минтақаҳо бошад, аз ҳама бештар дар вилояти Хатлон - 29,4 фоиз (293 нафар), шаҳри Душанбе – 22,4 фоиз (223 нафар) ва дар вилояти Суғд – 21,5 фоиз (214 нафар) ва аз ҳама камтар дар ВМКБ – 9,5 фоиз (95 нафар) муроҷиат намудаанд.

Барои истифодаи хизматрасонии "интиқоли маблағ" аз ҳама бештар 59 фоиз (588 нафар) мард ва 37,2 фоиз (371 нафар) зан муроҷиат намудаанд.

Аз рӯйи макони зисти пурсидашудагон таҳлил нишон медиҳад, ки барои "интиқоли маблағ", сокини шаҳр - 41,3 фоиз (411 нафар), сокини деҳот – 32 фоиз (319 нафар) ва сокини шаҳрак - 14,5 фоиз (144 нафар) муроҷиат намуданд.

Тавре натиҷаи таҳлил нишон медиҳад барои "қарзи бонкӣ" – 48,5 фоиз (873 нафар) ба ТҚМ муроҷиат намуданд. Аз ҷумла ба БДА ҶТ "Амонатбонк" – 19,6 фоиз (171 нафар), ҶСК "Бонки Эсхата"- 10,2 фоиз (89

нафар), ТАҚХ "Имон Интернешнл"- 11,6 фоиз (101 нафар), ТАҚХ "Ҳумо" – 9,3 фоиз (81 нафар) ва Фонди қарзии хурди "Эҳёи Кӯҳистон" 5,3 фоиз (46 нафар) пурсидашудагон-муштариёни ин ТҚМ муроҷиат намудаанд (нигаред ба ҷадвали 12).

Ҷадвали 12

Муроҷиати пурсидашудагон оид ба қарзи бонкӣ

| Номгӯйи ТҚМ | Ҷавоб надод | Ҷавоб дод | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| БДА ҶТ "Амонатбонк" | 310 | 171 | 481 |
| ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 42 | 101 | 143 |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 70 | 89 | 159 |
| ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | 42 | 81 | 123 |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 56 | 50 | 106 |
| Фонди карзии хурди "Эҳёи кӯҳистон" | 0 | 46 | 46 |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 6 | 34 | 40 |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 15 | 28 | 43 |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 40 | 27 | 67 |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 21 | 22 | 43 |
| Фонди карзии хурди "Боршуд" | 0 | 20 | 20 |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 123 | 19 | 142 |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 84 | 19 | 103 |
| ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | 0 | 18 | 18 |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 19 | 16 | 35 |
| ҶДММ ТАҚХ "Финка" | 1 | 16 | 17 |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 20 | 14 | 34 |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 17 | 13 | 30 |
| Фонди карзии хурди "Қуллаи Умед" | 0 | 13 | 13 |
| ҶДММ ТАҚХ "Фазо С" | 1 | 10 | 11 |
| ҶСП ТАҚХ "Ҳамров" | 1 | 9 | 10 |
| ҶСП "ТАҚХ Ардо-капитал" | 2 | 8 | 10 |
| ҶДММ ТАҚХ "Матин" | 15 | 8 | 23 |
| ҶДММ ТАҚХ "Азизӣ-Молия" | 13 | 7 | 20 |
| ҶДММ ТАҚХ "Зудамал" | 3 | 7 | 10 |
| Фонди қарзии хурди "Имон" | 0 | 6 | 6 |
| ТҚХ "Оксус" | 2 | 5 | 7 |
| ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | 0 | 5 | 5 |
| ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | 3 | 4 | 7 |
| ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон" | 18 | 2 | 20 |
| Фонди карзии хурди "Мадина" | 0 | 2 | 2 |
| ҶДММ ТАҚХ "Фуруз" | 0 | 1 | 1 |
| Фонди карзии хурди "Равнақ" | 0 | 1 | 1 |
| Фонди "Сарпараст" | 0 | 1 | 1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гурӯҳ " | 3 | 0 | 3 |
| Ҳамагӣ | 927 | 873 | 1800 |

Аз рӯи масъалаи мазкур дар сатҳи минтақаҳо бошад, аз ҳама бештар дар вилояти Хатлон - 28,4 фоиз (248 нафар), дар шаҳри Душанбе – 24,1 фоиз (210 нафар) ва дар НТҶ – 21,6 фоиз (189 нафар) ва аз ҳама камтар дар ВМКБ – 9,3 фоиз (81 нафар) муроҷиат намудаанд.

Шумораи муроҷиаткунандагон оид ба қарзи бонкӣ аз рӯйи ҷинс чунин аст: 61,3 фоиз (535 нафар) мард ва 35,7 фоиз (312 нафар) зан.

Ҳамчунин аз рӯйи макони зист оид ба ин масъала, сокини шаҳр - 43,9 фоиз (383 нафар), сокини деҳот – 32,3 фоиз (281 нафар) ва сокини шаҳрак - 14,9 фоиз (130 нафар) муроҷиат намудаанд.

Барои "истифодаи корти пардохтӣ"– 29,2 фоизи (525 нафар) ба ТҚМ муроҷиат намудаанд. Маълум гардид, ки барои хизматрасонии "истифодаи корти пардохтӣ" ба БДА ҶТ"Амонатбонк"- 26,7 фоиз (410 нафар), ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"- 6,1 фоиз (32 нафар), ҶСП Бонки "Арванд"- 1,7 фоиз (9 нафар), ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" -3,6 фоиз (19 нафар), ҶСП "Душанбе Сити Бонк" - 4,2 фоиз (22 нафар), ҶСК"Бонки Эсхата" - 11,8 фоиз (62 нафар), ҶСК "Ориёнбонк" - 8,4 фоиз (44 нафар), ҶСК "Тавҳидбонк - 4 фоиз (21 нафар), ТАҚХ "Имон Интернешнл"- 5,3 фоиз (28 нафар) ва баТАҚХ "Ҳумо" – 7,2 фоиз (38 нафар) пурсидашудагон - муштариёни ин ТҚМ муроҷиат намудаанд.

Аз рӯйи минтақаҳо бошад, аз ҳама бештар дар шаҳри Душанбе – 26,3 фоиз (138 нафар), вилояти Суғд - 24,8 фоиз (130 нафар), вилояти Хатлон – 22,3 фоиз (117 нафар) ва аз ҳама камтар дар ВМКБ – 13 фоиз (68 нафар) муроҷиат намудаанд.

Таҳлили ҳолати истифодаи корти пардохти бонкӣ, аз рӯйи ҷинс нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар - 62,7 фоиз (329 нафар) мард ва 35,2 фоиз (185 нафар) зан доир ба ин масъала муроҷиат намудаанд.

Ҳамчунин аз рӯйи макони зисти пурсидашудагон, барои истифодаи корти пардохтӣ, сокини шаҳр - 51,2 фоиз (269 нафар), сокини деҳот – 29,3 фоиз (154 нафар) ва сокини шаҳрак – 12 фоиз (63 нафар) муроҷиат намудаанд.

Ҷиҳати "дастрас кардани пули нақд аз суратҳисоб", 19,3 фоиз (348 нафар) ба ТҚМ муроҷиат намудаанд. Маълум гардид, ки барои дастрас кардани пули нақд аз суратҳисоб, ба БДА ҶТ "Амонатбонк"- 33,3 фоиз (116 нафар), ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"- 7,2 фоиз (25 нафар), ҶСП "Душанбе Сити Бонк" - 6,0 фоиз (21 нафар), ҶСК "Бонки Эсхата" - 5,7 фоиз (20 нафар), ҶСК "Ориёнбонк" 3,2 фоиз (11 нафар), ТАҚХ "Имон Интернешнл" - 7,2 фоиз (25 нафар) ва баТАҚХ "Ҳумо" – 4,9 фоиз (17 нафар)

пурсидашудагон - муштариёни ин бонкҳо муроҷиат намудаанд.

Аз рӯи минтақаҳо бошад, аз ҳама бештар дар ш.Душанбе – 35,6 фоиз (124 нафар), вилояти Суғд - 23 фоиз (80 нафар) ва дар вилояти Хатлон – 19 фоиз ё 66 нафар ва аз ҳама камтар дар ВМКБ – 10,3 фоиз (36 нафар) муроҷиат намудаанд.

Барои дастрас кардани пули нақд аз суратҳисоб дар бонк - 58,6 фоиз (204 нафар) мард ва 38,8 фоиз (135 нафар) зан муроҷиат намудаанд.

Ҳамчунин аз рӯйи макони зисти пурсидашудагон барои дастрас кардани пули нақд аз суратҳисоб, сокини шаҳр - 54,3 фоиз (189 нафар), сокини деҳот – 22,4 фоиз (78 нафар) ва сокини шаҳрак - 9,5 фоиз (33 нафар) муроҷиат намудаанд.

Ҷиҳати хизматрасонии пасандозгузорӣ 14 фоиз (252 нафар) ба ТҚМ муроҷиат намуданд. Барои гузоштани пасандоз аз ҳама бештар ба БДА ҶТ "Амонатбонк" - 25 фоиз (63 нафар), ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"- 10,3 фоиз (26 нафар), ҶСК "Бонки Эсхата" - 9,5 фоиз (24 нафар), ҶСК "Ориёнбонк" - 9,1 фоиз (23 нафар), ТАҚХ "Имон Интернешнл" - 11,5 фоиз (29 нафар) ва ба ТАҚХ "Ҳумо" – 8,7 фоиз (22 нафар) пурсидашудагон - муштариёни ин ТҚМ муроҷиат намудаанд (нигаред ба ҷадвали 13).

Ҷадвали 13

Хизматрасонии бонкӣ, ки ба ҳаёт ва фаъолияти пурсидашудагон кумак мерасонад, аз рӯйи пасандозгузорӣ

| Номгӯйи ТҚМ | Ҷавоб надод | Ҷавоб дод |
|---|---|---|
| БДА ҶТ "Амонатбонк" | 418 | 63 |
| ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 114 | 29 |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 80 | 26 |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 135 | 24 |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 119 | 23 |
| ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | 101 | 22 |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 58 | 9 |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 37 | 6 |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 37 | 6 |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 97 | 6 |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 34 | 6 |
| ҶСП ТАҚХ "Ҳамров" | 4 | 6 |
| ҶСП "ТАҚХ Ардо-капитал" | 6 | 4 |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 32 | 3 |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 28 | 2 |
| ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | 16 | 2 |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 32 | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия” | 18 | 2 |
| ҶДММ ТАҚХ “Зудамал” | 8 | 2 |
| ҶДММ ТАҚХ “Матин” | 21 | 2 |
| ҶСП “Халиқ Бонк Тоҷикистон” | 18 | 2 |
| ҶДММ ТАҚХ “Арғун” | 6 | 1 |
| ҶДММ ТАҚХ “Фазо С” | 10 | 1 |
| ҶДММ ТАҚХ “Финка” | 16 | 1 |
| Фонди қарзии хурди “Имон” | 5 | 1 |
| Фонди карзии хурди “Мадина” | 1 | 1 |
| ТҚХ “Оксус” | 7 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ “Пайванд Гурӯҳ “ | 3 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ “Тезинфоз” | 5 | 0 |
| ҶДММ ТАҚХ “Фуруз” | 1 | 0 |
| Фонди карзии хурди “Равнақ” | 1 | 0 |
| Фонди карзии хурди “Эҳёи кӯҳистон” | 46 | 0 |
| Фонди карзии хурди “Боршуд” | 20 | 0 |
| Фонди карзии хурди “Қуллаи Умед” | 13 | 0 |
| Фонди “Сарпараст” | 1 | 0 |
| Ҳамагӣ | 1548 | 252 |

Агар ин масъаларо дар сатҳи минтақаҳо баррасӣ намоем, маълум мегардад, ки аз ҳама бештар дар вилояти Хатлон - 32,9 фоиз (83 нафар), вилояти Суғд – 26,2 фоиз (66 нафар) ва дар ВМКБ – 17,1 фоиз (43 нафар) ва аз ҳама камтар дар НТҶ – 7,1 фоиз (18 нафар) муроҷиат намудаанд.

Агар хизматрасонӣ ба пасандозгузоронро дар бонк аз рӯйи ҷинс таҳлил намоем, маълум мешавад, ки 52,4 фоиз (132 нафар) мард ва 43,3 фоиз (109 нафар) зан оид ба ин масъала муроҷиат намудаанд.

Аз рӯйи макони зист барои пасандозгузорӣ, сокини шаҳр - 50,8 фоиз (128 нафар), сокини деҳот – 22,2 фоиз (56 нафар) ва сокини шаҳрак - 16,7 фоиз (42 нафар) муроҷиат намудаанд.

Ҷиҳати “пардохти хизматрасониҳои коммуналию маишӣ”– 12,3 фоиз ё 222 нафари пурсидашудагон ба ТҚМ муроҷиат намуданд. Маълум гардид, ки барои истифода аз хизматрасонии “пардохти хизматрасониҳои коммуналию маишӣ” муштариёни БДА ҶТ “Амонатбонк” - 35,7 фоиз (78 нафар), ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” - 8,1 фоиз (18 нафар), ҶСК “Бонки Эсхата” ва ҶСП “Душанбе Сити Бонк“ 6,8 фоиз (15 нафар) муроҷиат намудаанд.

Аз рӯйи минтақаҳо бошад, аз ҳама бештар дар шаҳри Душанбе – 30,6 фоиз (68 нафар), вилояти Суғд – 27,9 фоиз (62 нафар), вилояти Хатлон – 14,9 фоиз (33 нафар) ва аз ҳама камтар дар НТҶ – 8,1 фоиз (18 нафар) муроҷиат намудаанд.

Агар “пардохти хизматрасониҳои коммуналию маишӣ”-ро аз рӯйи ҷинс таҳлил намоем, маълум мешавад, ки 64 фоиз (142 нафар) мард ва 33,3 фоиз (74 нафар) зан муроҷиат намудаанд.

Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ, аз рӯйи макони зисти пурсидашудагон нишон медиҳад, ки барои истифода намудани пардохти хизматрасониҳои коммуналию маишӣ, сокини шаҳр - 59,5 фоиз (132 нафар), сокини деҳот – 20,7 фоиз (46 нафар) ва сокини шаҳрак - 9,9 фоиз(22 нафар) муроҷиат намудаанд.

Ҷиҳати “интиқоли маблағи ғайринақдӣ” 11,3 фоиз (203 нафар) ба ТҚМ муроҷиат намудаанд. Маълум гардид, ки барои интиқоли маблағи ғайринақдӣ ба БДА ҶТ “Амонатбонк”- 20,2 фоиз (41 нафар), ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” - 7,4 фоиз (15 нафар), ҶСП Бонки “Арванд”- 5,9 фоиз (12 нафар), ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” - 4,4 фоиз (9 нафар), ҶСП “Душанбе Сити Бонк” - 5,9 фоиз (12 нафар), ҶСК “Бонки Эсхата” - 12,3 фоиз (25 нафар), ҶСК “Ориёнбонк” - 3,9 фоиз (8 нафар), ҶСК “Тавҳидбонк” - 5,4 фоиз (11 нафар), ТАҚХ “Имон Интернешнл”- 4,4 фоиз (9 нафар) ва ба ТАҚХ “Ҳумо” – 4,4 фоиз (9 нафар) муроҷиат намудаанд.

Аз рӯйи макони зист, аз ҳама бештар дар шаҳри Душанбе – 35,0 фоиз (71 нафар), вилояти Суғд – 18,2 фоиз (37 нафар), вилояти Хатлон – 17,7 фоиз 36 нафар) ва аз ҳама камтар дар НТҶ – 11,8 фоиз (24 нафар) муроҷиат намудаанд.

Барои хизматрасонии интиқоли маблағи ғайринақдӣ дар бонк 69,5 фоиз (141 нафар) мард ва 28,6 фоиз (58 нафар) зан муроҷиат намудаанд.

Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ аз рӯи макони зисти пурсидашудагон нишон медиҳад, ки барои интиқоли маблағи ғайринақдӣ, сокини шаҳр - 64 фоиз (130 нафар), сокини деҳот – 19,7 фоиз (40 нафар) ва сокини шаҳрак - 10,3 фоиз (21 нафар) муроҷиат намудаанд.

Ҷиҳати “пардохти хизматрасониҳои давлатӣ (андоз, хироҷ, ҷаримаҳо ва ғ.)” – 6,6 фоиз (119 нафар) ба ТҚМ муроҷиат намудаанд. Маълум гардид, ки барои истифода аз хизматрасонии “пардохти хизматрасониҳои давлатӣ (андоз, хироҷ, ҷаримаҳо ва ғ.)” ба БДА ҶТ “Амонатбонк”- 47,9 фоиз (57 нафар),ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд”- 6,1 фоиз (32 нафар), ҶСП Бонки “Арванд”- 1,7 фоиз (9 нафар), ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” - 3,6 фоиз (19 нафар), ҶСК “Бонки Эсхата” 8,4 фоиз (10 нафар), ҶСК “Тавҳидбонк” - 4,2 фоиз (5 нафар) ва ба ТАҚХ “Фазо С” -7,6 фоиз (9 нафар) муроҷиат намудаанд.

Аз рӯи минтақаҳо бошад, аз ҳама бештар дар шаҳри Душанбе – 35,3 фоиз (42 нафар), вилояти Хатлон 26,9 фоиз (32 нафар), вилояти Суғд – 16,8

фоиз ё (20 нафар) ва аз ҳама камтар дар НТҶ – 6,7 фоиз (8 нафар) муроҷиат намудаанд.

Барои хизматрасонии пардохти хизматрасониҳои давлатӣ (андоз, хироҷ, ҷаримаҳо ва ғ.) аз рӯйи ҷинс, аз ҳама бештар - 73,9 фоиз (88 нафар) мард ва 21,8 фоиз (26 нафар) зан муроҷиат намудаанд.

Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ аз рӯйи макони зисти пурсидашудагон нишон медиҳад, ки барои истифода намудани хизматрасониҳои давлатӣ (андоз, хироҷ, ҷаримаҳо ва ғ.) сокини шаҳр - 47,9 фоиз (57 нафар), сокини деҳот – 29,4 фоиз (35 нафар) ва сокини шаҳрак - 11,8 фоиз (14 нафар) муроҷиат намудаанд.

## 6. Сифати маълумоти пешниҳодшудаи ТҚМ

Барои муайян намудани сифати маълумоте, ки аз ҷониби ТҚМ ба муштариён пешниҳод мегардад ва ҷиҳати муайян намудани қаноатмандии муштариён аз маълумоти аз ТҚМ гирифташуда дар назарсанҷӣ чунин савол пешниҳод гардида буд: “Ҳангоми муроҷиат, кормандони бонк ба Шумо маълумоти кофиро пешниҳод намуданд?” (нигаред ба диаграммаи 11).

Диаграммаи 11

Андешаи пурсидашудагон оид ба қаноатмандӣ
аз маълумоти пешниҳодшудаи ТҚМ

(нафар)



Қобили зикр аст, ки аз шумораи умумии пурсидашудагон 88,1 фоиз (1585 нафар) аз маълумоти гирифтаашон дар ТҚМ пурра қаноатманд мебошанд. Инчунин маълум гардид, ки 4,8 фоизи пурсидашудагон (86 нафар) чунин мешуморанд , ки маълумоти гирифтаашон нопурра буд, 2,8 фоиз (51 нафар) аз маълумоти гирифтаашон қаноатманд нестанд, 0,7 фоиз (13 нафар) –"маълумоти нодаркор" гирифтанд ва 0,4 фоиз (7 нафар) иброз доштанд, ки – "фиреб карданд". Танҳо 1,4 фоиз (25 нафар) аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд.

Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ аз рӯйи минтақаҳо нишон дод, ки дар НТҶ - 92,5 фоиз (322 нафар), вилояти Хатлон 91,1 фоиз (451 нафар), ВМКБ 89,1 фоиз(131 нафар), дар шаҳри Душанбе – 87,8 фоиз (359 нафар) ва дар вилояти Суғд 80,3 фоиз (322 нафар) маълумотеро, ки аз ТҚМ гирифтанд, "пурра" ҳисоб намуданд. Маълумоти гирифтаашон аз ТҚМ "нопурра буд" – дар вилояти Суғд 7,2 фоиз (29 нафар), ш.Душанбе - 4,9 фоиз (20 нафар), ВМКБ - 4,1 фоиз (6 нафар), НТҶ - 3,7 фоиз (13 нафар) ва дар вилояти Хатлон 3,6 фоиз(18 нафар).

Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки 3 нафари пурсидашудагон дар шаҳри Душанбе ва дар вилояти Хатлон, инчунин як нафар дар НТҶ иброз намуданд, ки дар ТҚМ онҳоро фиреб доданд. Ҳамчунин 2 нафар дар БДА ҶТ "Амонатбонк", 3 нафар - ҶСП "Душанбе Сити Бонк" ва як нафарӣ дар ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"ва ТҚХ "Оксус" мебошад.

Агар аз рӯйи ҷинси пурсидашудагон нигарем, аз 7 нафар - 5 нафар мард ва 2 нафар зан мебошанд. Аз рӯйи макони зист бошад, 3 нафарӣ сокинони шаҳр ва деҳот, як нафар сокини шаҳрак мебошанд. Аз рӯйи синну сол - 3 нафар аз 15 то 24 сола - 2 нафар аз 25 то 34 сола ва 1 нафар аз 35 сол то 44 сола мебошанд ва танҳо як нафар аз ишора намудани синну сол худдорӣ намудааст. Аз рӯйи мақоми иҷтимоӣ - 2 нафарӣ корманд/хизматчӣ ва талаба/донишҷӯй ва инчунин 3 нафар худро бекор муаррифӣ намуданд.

## 7. Мушкилот дар истифодабарии хизматрасониҳои ТҚМ

Барои муайян намудани мушкилоте, ки дар рафти истифода намудани хизматрасониҳои ТҚМ пурсидашудагон рӯбарӯ мегарданд, дар назарсанҷии мазкур чунин савол пешниҳод гардида буд: "Дар истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ Шумо бо кадом мушкилот дучор мешавед?".

Андешаи пурсидашудагон нисбат ба саволи гузошташуда гуногун буд (нигаред ба диаграммаи 12).

Диаграммаи 12

Андешаи пурсидашудагон оид ба мушкилоте, ки онҳо дар рафти истифода намудани хизматрасониҳои ТҚМ рӯбарӯ мегарданд

(нафар)




Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ муайян намуд, ки набудани пули нақд дар банкомат ва бонк масъалаи мубрам ва ҳалталаб буда, аз ҷониби 471 нафар (26,1 фоиз) набудани пули нақд дар банкомат ва 396 нафар (22 фоиз) набудани пули нақд дар бонкро мушкилоти асосӣ меҳисобанд.

Масъалаи набудани пули нақд дар банкомат аз рӯйи ТҚМ нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар нисбат ба БДА ҶТ“Амонатбонк” – 27 фоиз (127 нафар), ҶСК “Бонки Эсхата” - 13,4 фоиз (63 нафар) ва нисбат ба ҶСП “Душанбе Сити Бонк”, ҶСК “Ориёнбонк” - 11,3 фоиз (53 нафар) изҳори назар карда шуд.

Аз рӯйи минтақаҳо бошад, таҳлили маълумоти назарсанҷӣ дар робита ба набудани пули нақд дар банкомат нишон медиҳад, ки ин ҳолат бештар дар вилояти Суғд - 32,5 фоиз (153 нафар), шаҳри Душанбе - 31,6 фоиз (149 нафар), вилояти Хатлон – 17 фоиз (80 нафар), НТҶ- 10,4 фоиз (49 нафар) ва дар ВМКБ- 8,5 фоиз (40 нафар) ба назар мерасад.

Таҳлили маълумот оид ба набудани пули нақд дар бонк аз рӯйи ТҚМ нишон медиҳад, ки пурсидашудагон аз ҳама бештар - 30,3 фоиз (120 нафар) нисбат ба БДА ҶТ“Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” – 14,1 фоиз (56 нафар), ҶСК “Бонки Эсхата” - 7,3 фоиз (29 нафар), ҶСП “Душанбе Сити Бонк” -7,1 фоиз (28 нафар), ТАҚХ“Имон Интернешенл” - 6,1 фоиз (24 нафар), ТАҚХ“Ҳумо” - 3,5 фоиз (14 нафар) ва нисбат ба Фонди қарзии хурди “Эҳёи Кӯҳистон”- 8,8 фоиз (35 нафар) ибрози андеша намуданд.

Агар ҳолати ин масъаларо дар минтақаҳо мавриди таҳлил қарор

диҳем, пас маълум мегардад, ки пурсидашудагон дар вилояти Хатлон - 28,8 фоиз (144 нафар), НТҶ - 24,5 фоиз (97 нафар), вилояти Суғд- 23,2 фоиз (92 нафар), дар шаҳри Душанбе 19,2 фоиз (76 нафар) ва ВМКБ 4,3 фоиз (17 нафар) набудани пули нақд дар бонкро ишора намуданд.

Доир ба масъалаи "сари вақт ба анҷом нарасонидани супориши хизматрасонӣ" – 2,3 фоиз (58 нафар) посух гуфтанд.

Агар ин масъаларо аз рӯйи ТҚМ таҳлил намоем, маълум мегардад, ки оид ба "сари вақт ба анҷом нарасонидани супориши хизматрасонӣ", аз ҳама бештар ҶСК "Бонки Эсхата" – 19 фоиз (11 нафар), БДА ҶТ "Амонатбонк"- 15,5 фоиз (9 нафар), ҶСП "Душанбе Сити Бонк"- 6,9 фоиз (4 нафар), ҶСК"Ориёнбонк" – 5,2 фоиз (3 нафар), ҶСП "Спитамен Бонк" - 8,6 фоиз (5 нафар), ТАҚХ "Имон Интернешенл" - 8,6 фоиз (5 нафар), ТАҚХ "Ҳумо" - 5,2 фоиз (3 нафар), Фонди қарзии хурди "Эҳёи Кӯҳистон"- 3,4 фоиз (2 нафар) ва Фонди қарзии хурди "Қуллаи умед"- 5,2 фоиз (3 нафар) ишора намудаанд.

Ҳолати ин масъаларо агар аз рӯи минтақаҳо баррасӣ намоем, таҳлили маълумоти назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки пурсидашудагон аз ҳама бештар дар вилояти Суғд - 34,5 фоиз (20 нафар), ш. Душанбе - 24,1 фоиз (14 нафар), вилояти - Хатлон 20,7 фоиз (12 нафар), НТҶ - 15,5 фоиз (9 нафар) ва аз ҳама камтар дар ВМКБ - 5,2 фоиз(3 нафар) нисбат ба сари вақт ба анҷом нарасонидани супориши хизматрасонӣ ибрози назар намудаанд.

Оид ба "навбатпоии зиёд ва бенизомӣ" аз шумораи умумии пурсидашудагон 12,1 фоиз (218 нафар) андеша изҳор намуданд.

Таҳлили навбатпоии зиёд ва бенизом аз рӯйи ТҚМ нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар нисбат ба БДА ҶТ"Амонатбонк" - 30,3 фоиз (66 нафар), ҶСК "Бонки Эсхата"- 11,5 фоиз (25 нафар), ҶСП "Душанбе Сити Бонк" - 6,4 фоиз (14 нафар), ҶСК "Ориёнбонк" – 6 фоиз (13 нафар), ҶСП "Спитамен Бонк" - 5,5 фоиз (12 нафар), ТАҚХ "Имон Интернешенл" - 6,4 фоиз (14 нафар) ва нисбат ба ТАҚХ "Ҳумо" - 7,8 фоиз (17 нафар) пурсидашудагон ибрози назар намудаанд.

Аз рӯйи минтақаҳо нигарем, таҳлили маълумоти назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки оид ба "навбатпоии зиёд ва бенизомӣ" аз ҳама бештар дар шаҳри Душанбе - 29,8 фоиз (65 нафар), вилояти Хатлон - 28,9 фоиз (63 нафар), вилояти Суғд - 24,8 фоиз (54 нафар), ВМКБ - 8,7 фоиз (9 нафар) ва аз ҳама камтар дар НТҶ - 7,8 фоиз (17 нафар) ибрози андеша намудаанд.

Доир ба истифода намудани интернет банкинг – 8,8 фоиз (158 нафар) андеша изҳор намудаанд.

Таҳлили истифода намудани интернет-банкинг аз рӯйи ТҚМ нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар нисбат ба БДА ҶТ"Амонатбонк" - 38,6 фоиз

(61 нафар), ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” - 17,1 фоиз (27 нафар), ҶСК “Бонки Эсхата” - 5,1 фоиз (8 нафар), ҶСК “Ориёнбонк” – 13,9 фоиз (21 нафар), ТАҚХ “Имон Интернешенл” 8,2 фоиз (13 нафар) ва нисбат ба ТАҚХ “Ҳумо” - 4,4 фоиз (7 нафар) ибрози назар намудаанд.

Ҳолати ин масъала аз рӯйи минтақаҳо гуногуншакл буда, пурсидашудагон нисбат ба мушкилот дар рафти истифода намудани хизматрасониҳои интернет-банкинг дар вилояти Хатлон - 44,9 фоиз (71 нафар), ВМКБ - 16,5 фоиз (26 нафар), НТҶ - 15,8 фоиз (25 нафар), вилояти Суғд – 12 фоиз (19 нафар) ва аз ҳама камтар дар ш. Душанбе - 10,8 фоиз(17 нафар) андешаи худро иброз намуданд.

Оид ба масъалаи “гаронии ҳаққи хизматрасонӣ” аз шумораи умумии пурсидашудагон 5,8 фоиз (105 нафар) изҳори назар намуданд.

Таҳлили масъалаи гаронии ҳаққи хизматрасонӣ вобаста ба ТҚМ нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар нисбат ба ТАҚХ “Ҳумо” - 21,9 фоиз (23 нафар), ҶСК “Алиф Бонк” - 12,4 фоиз (13 нафар), ҶСК “Бонки Эсхата” - 11,4 фоиз (12 нафар), ҶСП “Спитамен Бонк” - 8,6 фоиз (9 нафар), ТАҚХ “Имон Интернешенл” - 9,5 фоиз (10 нафар) ва нисбат ба БДА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд”, ТАҚХ “Матин” - 6,7 фоиз (7 нафар) ибрози назар карда шуд.

Масъалаи мазкур аз рӯйи минтақаҳо бошад, аз ҳама бештар дар вилояти Суғд - 66,7 фоиз (70 нафар), вилояти Хатлон - 20 фоиз (21 нафар), ш.Душанбе - 9,5 фоиз (10 нафар) ва аз ҳама камтар дар ВМКБ ва НТҶ - 1,9 фоиз (2 нафар) ба назар мерасад.

Илова ба ин, таҳлили маълумоти бадастомада нишон медиҳад, ки қисме аз пурсидашудагон нисбат ба набудани барқ дар ТҚМ, суст кор кардани барномаҳои мобилии ТҚМ, набудани пули нақд дар ТҚМ ва махсусан набудани асъори хориҷӣ изҳори нигаронӣ намуданд.

## 8. Талаби маблағи ғайрирасмӣ

Дар назарсанҷии мазкур барои муайян намудани ҷой доштани талаб намудани маблағи иловагии ғайрирасмӣ савол пешниҳод шуда буд: - “Оё дар бонк барои хизматрасониҳо аз Шумо маблағи иловагии ғайрирасмӣ талаб карданд?”

Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ нишон дод, ки аз шумораи умумии пурсидашудагон 81,1 фоиз (1459 нафар) посух доданд, ки “маблағи иловагии ғайрирасмӣ талаб карда нашуд”.

Дар баробари ин аз 3,1 фоиз (56 нафар) “барои гирифтани корт”, 2,7

фоиз (49 нафар)– “барои интиқоли пул”, 1,8 фоиз (33 нафар) –“барои кушодани суратҳисоб”, 1,1 фоиз (20 нафар) – “барои гирифтани қарз”, 0,9 фоиз (17 нафар) – “барои гирифтани маблағи нақдӣ”, 0,3 фоиз (6 нафар) – “барои амонатгузорӣ” ва 0,2 фоиз (4 нафар) - “барои пасандозгузорӣ” маблағӣ иловагӣ талаб карда шуд. Ба саволи пешниҳодшуда 4,3 фоиз (73 нафар) аз посух худдорӣ намуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қисми зиёди пурсидашудагон, аз ҷумла дар бонкҳо – 79,7 фоиз (1053 нафар), ТАҚХ – 82,1 фоиз (320 нафар) ва дар ФҚХ –96,6 фоиз (86 нафар) иброз намуданд, ки маблағи иловагӣ талаб карда нашуд (нигаред ба ҷадвали 14).

Ҷадвали 14

Оё дар бонк барои хизматрасониҳо аз Шумо маблағи иловагии ғайрирасмӣ талаб карда шуд?

(нафар)

| Варианти ҷавобҳо | Бонкҳо | ТАҚХ | ФҚХ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| (Ҷавоб надоданд) | 61 | 11 | 1 | 73 |
| Барои кушодани суратҳисоб | 22 | 11 | 0 | 33 |
| Барои гирифтани маблағи нақд | 14 | 3 | 0 | 17 |
| Барои интиқоли пул | 36 | 13 | 0 | 49 |
| Барои амонатгузорӣ | 6 | 0 | 0 | 6 |
| Барои гирифтани қарз | 17 | 3 | 0 | 20 |
| Барои пасандозгузорӣ | 4 | 0 | 0 | 4 |
| Барои гирифтани корт | 51 | 5 | 0 | 56 |
| Маблағи иловагӣ талаб накарданд | 1053 | 320 | 86 | 1459 |
| Дигар | 57 | 24 | 2 | 83 |
| Ҳамагӣ | 1321 | 390 | 89 | 1800 |

Варианти “барои гирифтани маблағи нақд”-ро дар вилояти Суғд – 6 нафар, дар вилояти Хатлон ва НТҶ - 4 нафарӣ ва дар шаҳри Душанбе 3 нафар қайд намуданд.

## 9. Истифода намудани воситаҳои электронии пардохт

Дар назарсанҷии мазкур ҷиҳати муайян намудани сатҳи истифодабарии воситаҳои электронии пардохт чунин савол пешниҳод гардида буд: “Оё Шумо воситаҳои электронии пардохтро истифода мебаред?”

Ба саволи мазкур 62,9 фоиз (1132 нафар) посухи мусбат ва 29,4 фоиз (529 нафар) посухи манфӣ доданд ва 7,7 фоиз (139 нафар) аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд (нигаред ба диаграммаи 13).

Диаграммаи 13

Андешаи пурсидашудагон оид ба истифода намудани воситаҳои электронии пардохт




Пурсидашудагон андешаи худро аз рӯйи истифодабарии воситаҳои электронии пардохт дар ТҚМ чунин ифроз намуданд: истифодабарандагони бонкҳо - 64,9 фоиз (857 нафар), ТАҚХ – 64,4 фоиз (251 нафар) ва ФҚХ – 27 фоиз (27 нафар) – ро ташкил намуданд (нигаред ба ҷадвали 15).

Ҷадвали 15

Оё Шумо воситаҳои электронии пардохтро истифода мебаред?

(нафар)

| Номгӯйи ТҚМ | Ҷавобҳо | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Ҷавоб надод | Ҳа | Не | |
| БДА ҶТ “Амонатбонк” | 41 | 302 | 138 | 481 |
| | 8,5% | 62,8% | 28,7% | 100,0% |
| ҶСК “Бонки Эсхата” | 16 | 115 | 28 | 159 |
| | 10,1% | 72,3% | 17,6% | 100,0% |
| ҶСК “Ориёнбонк” | 11 | 72 | 59 | 142 |
| | 7,7% | 50,7% | 41,5% | 100,0% |
| ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” | 8 | 67 | 31 | 106 |
| | 7,5% | 63,2% | 29,2% | 100,0% |
| ҶСК “Алиф Бонк” | 0 | 27 | 3 | 30 |
| | 0,0% | 90,0% | 10,0% | 100,0% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП  Бонки “Арванд” | 2 | 31 | 10 | 43 |
| | 4,7% | 72,1% | 23,3% | 100,0% |
| ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” | 3 | 28 | 12 | 43 |
| | 7,0% | 65,1% | 27,9% | 100,0% |
| ҶСП “Бонки рушди Тоҷикистон” | 1 | 11 | 6 | 18 |
| | 5,6% | 61,1% | 33,3% | 100,0% |
| ҶСП “Душанбе Сити Бонк” | 6 | 87 | 10 | 103 |
| | 5,8% | 84,5% | 9,7% | 100,0% |
| ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” | 3 | 25 | 6 | 34 |
| | 8,8% | 73,5% | 17,6% | 100,0% |
| КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” | 13 | 20 | 7 | 40 |
| | 32,5% | 50,0% | 17,5% | 100,0% |
| ҶСП “Спитамен Бонк” | 4 | 39 | 24 | 67 |
| | 6,0% | 58,2% | 35,8% | 100,0% |
| ҶСК “Тавҳидбонк” | 0 | 19 | 16 | 35 |
| | 0,0% | 54,3% | 45,7% | 100,0% |
| ҶСП “Халиқ Бонк Тоҷикистон” | 1 | 14 | 5 | 20 |
| | 5,0% | 70,0% | 25,0% | 100,0% |
| ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” | 8 | 89 | 46 | 143 |
| | 5,6% | 62,2% | 32,2% | 100,0% |
| ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” | 9 | 79 | 35 | 123 |
| | 7,3% | 64,2% | 28,5% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Матин” | 3 | 10 | 10 | 23 |
| | 13,0% | 43,5% | 43,5% | 100,0% |
| ҶСП ТАҚХ “Ардо-капитал” | 0 | 10 | 0 | 10 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия” | 1 | 17 | 2 | 20 |
| | 5,0% | 85,0% | 10,0% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Арғун” | 0 | 4 | 3 | 7 |
| | 0,0% | 57,1% | 42,9% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Зудамал” | 1 | 8 | 1 | 10 |
| | 10,0% | 80,0% | 10,0% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Пайванд Гуруҳ “ | 0 | 3 | 0 | 3 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Тезинфоз” | 2 | 3 | 0 | 5 |
| | 40,0% | 60,0% | 0,0% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Фазо С” | 1 | 7 | 3 | 11 |
| | 9,1% | 63,6% | 27,3% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Финка” | 1 | 10 | 6 | 17 |
| | 5,9% | 58,8% | 35,3% | 100,0% |
| ҶДММ ТАҚХ “Фуруз” | 0 | 1 | 0 | 1 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | 0 | 9 | 1 | 10 |
| | 0,0% | 90,0% | 10,0% | 100,0% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Фонди карзи имон | 0 | 5 | 0 | 5 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| ТҚХ "Оксус" | 0 | 1 | 6 | 7 |
| | 0,0% | 14,3% | 85,7% | 100,0% |
| Фонди қарзии хурди "Имон" | 0 | 1 | 0 | 1 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| Фонди карзии хурд "Равнақ" | 0 | 1 | 0 | 1 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| Фонди карзии хурди "Эҳёи кӯҳистон" | 3 | 6 | 37 | 46 |
| | 6,5% | 13,0% | 80,4% | 100,0% |
| Фонди карзии хурди "Боршуд" | 1 | 2 | 17 | 20 |
| | 5,0% | 10,0% | 85,0% | 100,0% |
| Фонди карзии хурди "Қуллаи Умед" | 0 | 6 | 7 | 13 |
| | 0,0% | 46,2% | 53,8% | 100,0% |
| Фонди карзии хурди "Мадина" | 0 | 2 | 0 | 2 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| Фонди "Сарпараст" | 0 | 1 | 0 | 1 |
| | 0,0% | 100,0% | 0,0% | 100,0% |
| Ҳамагӣ | 139 | 1132 | 529 | 1800 |
| | 7,7% | 62,9% | 29,4% | 100,0% |

Аз рӯйи ТҚМ пурсидашудагон чунин посух доданд: ҶСК "Алиф Бонк" – 90 фоиз (27 нафар), ҶСП "Душанбе Сити Бонк" – 84,5 фоиз (87 нафар), ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" – 73,5 фоиз (25 нафар), ҶСК "Бонки Эсхата" – 72,3 фоиз (115 нафар), ҶСП Бонки "Арванд" - 72,1 фоиз (31 нафар), ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон – 70 фоиз (14 нафар), ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" – 65,1 фоиз (28 нафар), ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" – 63,2 фоиз (67 нафар), БДА ҶТ"Амонатбонк" – 62,8 фоиз (302 нафар), ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" – 61,1 фоиз (11 нафар), ҶСП "Спитамен Бонк" – 58,2 фоиз (39 нафар), ҶСК "Тавҳидбонк" – 54,3 фоиз (19 нафар), ҶСК "Ориёнбонк" – 50,7 фоиз (72 нафар) ва КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" - 50 фоиз (20 нафар) аз воситаҳои электронии пардохт истифода менамоянд.

Агар ба ин савол аз рӯйи минтақаҳо нигарем, таҳлили маълумоти назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар воситаҳои электронии пардохтро дар ВМКБ – 76,9 фоиз (113 нафар), шаҳри Душанбе - 62,6 фоиз (256 нафар), вилояти Хатлон 62,4 фоиз (309 нафар), вилояти Суғд - 62,1 фоиз (249 нафар) ва дар НТҶ - 58,9 фоиз (205 нафар) истифода мебаранд (нигаред ба ҷадвали 16).

Ҷадвали 16

Ҷавобҳо ба саволи “Оё Шумо воситаҳои электронии пардохтро истифода мебаред?”, аз рӯйи минтақаҳо

| Номгӯйи минтақаҳо | (Ҷавоб надод) | Ҳа | Не | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 12 | 113 | 22 | 147 |
| | 8,2% | 76,9% | 15,0% | 100,0% |
| Вилояти Суғд | 22 | 249 | 130 | 401 |
| | 5,5% | 62,1% | 32,4% | 100,0% |
| Вилояти Хатлон | 47 | 309 | 139 | 495 |
| | 9,5% | 62,4% | 28,1% | 100,0% |
| ш. Душанбе | 21 | 256 | 132 | 409 |
| | 5,1% | 62,6% | 32,3% | 100,0% |
| НТҶ | 37 | 205 | 106 | 348 |
| | 10,6% | 58,9% | 30,5% | 100,0% |
| Ҳамагӣ | 139 | 1132 | 529 | 1800 |
| | 7,7% | 62,9% | 29,4% | 100,0% |

Қобили зикр аст, ки аз рӯйи ҷинс истифода намудани воситаҳои электронии пардохт қариб баробар мебошад, байни мардҳо - 63,7 фоиз (680 нафар) ва занҳо 62,5 фоиз (423 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки сокинони шаҳрнишин 69,2 фоиз (536 нафар), сокинони шаҳрак - 63,1 фоиз (154 нафар) ва сокинони деҳот - 56,7 фоиз (330 нафар) воситаҳои электронии пардохтро истифода мебаранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки 10 фоиз (58 нафар) сокини деҳот, 8,6 фоиз (21 нафар) - сокини шаҳрак ва 4,6 фоиз (36 нафар) - сокини шаҳр аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд.

Истифодабарии воситаҳои электронии пардохтро аз ҳама бештар дар байни аҳолии аз 15 то 24 сола - 71,1 фоиз (160 нафар), аз 25 то 34 сола - 69,7 фоиз (356 нафар), аз 35 – 44 сола - 66,7 фоиз (330 нафар), 45-54 сола – 55,5 фоиз (188 нафар), 55-64 сола – 42,6 фоиз (63 нафар) ва дар байни 65 сола ва калонтар - 39,3 фоиз (24 нафар) ба мушоҳида расид.

Воситаҳои электронии пардохтро аз рӯи мақоми иҷтимоӣ: коргар/хизматчӣ - 77,8 фоиз (399 нафар), талаба/донишҷӯй – 73,1 фоиз (114 нафар), коргар – 61,4 фоиз (167 нафар), бекор – 53,1 фоиз (129 нафар), деҳқон – 43,2 фоиз (41 нафар) ва 33,6 фоиз (42 нафар) нафақахӯр истифода менамоянд.

Диаграммаи 14

Истифодабарии намуди воситаҳои электронии пардохт

(нафар)




Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ (диаграммаи 14) аз рӯи истифодабарии намуди воситаҳои электронии пардохт нишон медиҳад, ки аз кортҳои пардохтии бонкӣ – 38,9 фоиз (700 нафар), ҳамёни электронӣ - 33,5 фоиз (603 нафар), бонкдории мобилӣ – 19,45 (350 нафар), QR-рамз - 15,7 фоиз (283 нафар) ва аз интернет бонкинг – 15,5 фоиз (279 нафар) истифода менамоянд.

Таҳлил нишон дод, ки аз шумораи умумии пурсидашудагон кортҳои пардохтии бонкиро 41 фоиз (437 нафар) мард ва 35,7 фоиз (242 нафар) зан истифода мебаранд. Ба саволи пешниҳодшуда 3 фоиз (21 нафар) аз посух худдорӣ намуданд.

Аз рӯйи минтақаҳо бошад, кортҳои пардохтии бонкиро дар ВМКБ – 58,5 фоиз (86 нафар), вилояти Хатлон – 39,4 фоиз (195 нафар), НТҶ – 38,5 фоиз (134 нафар), шаҳри Душанбе - 37,9 фоиз (155 нафар) ва дар вилояти Суғд – 32,4 фоиз (130 нафар) аз шумораи умумии пурсидашудагон истифода менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки 40,4 фоиз (313 нафар) пурсидашудагон сокини шаҳр, 39,2 фоиз (228 нафар) - сокини деҳот ва 32 фоиз (78 нафар) - сокини шаҳрак мебошанд.

Ҳамёни электрониро бештар дар шаҳри Душанбе  45,6 фоиз (186 нафар), ВМКБ – 38,1 фоиз (56 нафар), вилояти Суғд – 36,7 фоиз (147 нафар), вилояти Хатлон – 29,5 фоиз (146 нафар) ва НТҶ 19,5 фоиз (68 нафар) истифода мебаранд.

Аз шумораи умумии пурсидашудагон оид ба истифодабарии ҳамёни электронӣ - 35,2 фоиз (376 нафар) мард ва 30,7 фоиз (208 нафар)-ро занҳо ташкил намуданд.

Таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки пурсидашудагон оид ба истифодабарии ҳамёни электронӣ аз рӯйи макони зист 41,5 фоиз (322 нафар) - сокини шаҳр, 38,1 фоиз (93 нафар)- сокини шаҳрак ва 22,5 фоиз (131 нафар) - сокини деҳот мебошанд.

Хизматрасонии бонкдории мобилиро дар шаҳри Душанбе – 22 фоиз (90 нафар), ВМКБ - 20,4 фоиз (30 нафар), вилояти Суғд – 23,4 фоиз (82 нафар), НТҶ- 19,3 фоиз (67 нафар) ва дар вилояти Хатлон – 16,4 фоиз (81 нафар) аз шумораи умумии пурсидашудагон истифода мебаранд.

Таҳлили маълумоти назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки хизматрасонии бонкдории мобилиро аз рӯйи ҷинс - 20 фоиз (213 нафар) мард ва 18,6 фоиз (126 нафар) зан истифода менамоянд.

Оид ба истифодабарии QR-рамз аз рӯйи минатақаҳо чунин маълумот ба даст оварда шуд: дар шаҳри Душанбе - 24,7 фоиз (101 нафар), вилояти Суғд – 19,7 фоиз (79 нафар), НТҶ- 11,2 фоиз (39 нафар), вилояти Хатлон – 10,3 фоиз (51 нафар) ва ВМКБ – 8,8 фоиз (13 нафар).

Хизматрасонии интернет бонкингро 17,2 фоиз (183 нафар) мард ва 13,4 фоиз (91 нафар) зан истифода менамоянд. Хизматрасонии интернет бонкингро дар Хатлон – 18,2 фоиз (90 нафар), шаҳри Душанбе – 17,6 фоиз (72 нафар), вилояти Суғд – 13,5 фоиз (54 нафар), НТҶ - 12,9 фоиз (45 нафар) ва дар ВМКБ – 12,2 фоиз(18 нафар)-и пурсидашудагон истифода мебаранд.

Ҳамчунин ҳангоми назарсанҷӣ ба пурсидашудагон оид ба сабаби истифода набурдани воситаҳои электронии пардохт савол гузошта шуда буд.

Аз шумораи умумии пурсидашудагон 9,8 фоиз (177 нафар)- “наметавонам”, 7,7 фоиз (139 нафар) - “маълумот надорам” ва 6,4 фоиз (115 нафар) - “мушкилот дар дастрасӣ ба интернет”-ро сабаб пеш овarданд.